Ба шӯрои диссертатсионии 6D.KOA - 012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон 734061, ш. Душанбе кӯчаи Деҳотӣ, 1/2).

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло дар мавзуи “Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ)**

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба сифати самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи ислоҳоти бахши молия “пурзӯр намудани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявию қарзӣ (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии хурд, ширкатҳои суғуртавӣ, лизингӣ, биржаи коғазҳои қиматнок ва ғайра) аз ҳисоби ҷорӣ намудани низоми стандартҳои байналмилалии фаъолият, баланд бардоштани талаботи ҳадди ақал нисбати сармоя, пурзӯр намудани талаботи захиравӣ барои таъмини афзоиши суботи молиявии онҳо, ташкили низоми муосири идоракунии хавфҳо” пешниҳод шудааст.

Дар татбиқи ин самтҳои бунёдии дар Стратегияи мазкур таъкидшуда, соҳибкории суғуртавӣ яке аз бахшҳои муҳимтарини иқтисодиёти мамлакат ва омили рушди иҷтимоию иқтисодии он ба ҳисоб меравад. Зеро ташкили фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ ба суғурташаванда (ташкилотҳо, корхонаҳо, шахсони воқеӣ) барои гирифтани ҷуброни мувофиқ дар сурати ба амал омадани хавф ҳангоми фаъолият кафолат медиҳад, ки ин яке аз шартҳои муҳими рушди соҳибкории мутамаддин дар замони муосир маҳсуб меёбад.

Суғурта яке аз ниҳодҳои муҳими иқтисоди бозории рушдёфта ба шумор меравад. Вай на танҳо субот ва самаранокии фаъолияти хоҷагидориро таъмин мекунад. Таъмини рушди соҳаи суғурта ва соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим арзёбӣ мегардад, зеро иқтисодиёти кишвар бо назардошти қариб ҳамаи навъҳои фаъолият дар дараҷаи баланди хавф нисбат ба меъёрҳои ҷаҳонӣ қарор дорад. Дар шароити воқеии ҷумҳурии мо, ки дар он низоми институтсионалӣ ва инфрасохтори муносибатҳои бозорӣ дар сатҳи зарурӣ инкишоф наёфтаанд, ҳалли масъалаҳои эмин доштани ҳаёт ва моликият аз таҳдиди хавфу хатар яке аз

масъалаҳои муҳим боқӣ мемонад ва маҳз таъмини рушди соҳибкории суғуртавӣ яке аз пояҳои асосии соҳибкорӣ дар ин замина арзёбӣ мегардад.

Яке аз аҳамияти амалии кори илмии Шамсуллозода Шукрулло дар истифодабарии натиҷаҳои илмӣ - таҳқиқотии иқтисодиёт барои таҳлили падидаи нави ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар ҷумҳурӣ буда, самаранок истифодабарии имкониятҳои мавҷуда аз дастгирии якҷояи давлат ва бахши хусусӣ мебошад.

Шарҳи мафҳуми соҳибкории суғуртавӣ дар адабиёти ватанию хориҷӣ ақидаи муаллиф оид ба омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалии истифодаи он ҳамчун механизми рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат дар ошкорсозии бартариятҳои бахши давлативу хусусӣ асос ёфтааст. Таҳқиқотчӣ қайд менамояд, ки ҳатто дар ҳолатҳои маҳдудияти захираҳои молиявии давлатӣ барои амалишавии ин ё он лоиҳа бо мақсади ҳимоя намудан аз хавфҳои дар пеш истода ва бартараф намудани камбудиҳои ин соҳа вобаста аз имкониятҳо, фароҳам оварадани рушди иқтисодиёти мамлакат аз ҳисоби таъмини суръати зарурии он бо дарназардошти сармоягузории дар шароити иқтисоди бозорӣ тамоми субъектҳо, корхонаҳо, аз он ҷумла ташкилоти суғуртавӣ дар пояи принсипҳои бозор ва ратсионализми иқтисодӣ фаъолият мебаранд. Аммо, номуайянии бозор ва иттилооти ассиметрии бозор, ки яке аз омилҳои беруна маҳсуб мешаванд ба фаъолияти соҳибкории суғуртавӣ таъсир мерасонанд. Маҷмуи омилҳое, ки вазъи ҷории иқтисодии ташкилоти суғуртаро, ки тавассути он соҳибкорӣ сурат мегирад, метавон конъюнктура номид. Вобаста ба ин омилҳои беруна ва дохилӣ, ки ба соҳибкорӣ таъсир мерасонанд ба таври мушаххас аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст.

Дар автореферати диссертатсия нуктаҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ нишон дода шудааст.

Вобаста ба ин, аҳамияти мавзуи таҳқиқотро зарурати таҳқиқи тамоюли рушди соҳибкорӣ дар бахши суғуртаи иқтисодиёт ва асоснок намудани механизмҳои ташкилию иқтисодӣ ва танзими давлатии он дар марҳалаи нави рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст.

Муаллиф инчунин бо мақсади таҳким бахшидани фаъолияти соҳибкории суғурта дар замони муосир зарурати ҳатмии татбиқи муносибатҳои маркетинги стратегиро аз тарафи ташкилоти суғуртавӣ асоснок намудааст. Барои ташкили таҳқиқоти маркетингӣ муаллиф омилҳое, ки ба ташаккули талабот таъсир мерасонанд ва омилҳое, ки ташаккули талаботро дар бозори суғурта боз медоранд гурӯҳбандӣ намуда, тавсиф намудааст.

Дар қисмати хотимавӣ оид ба дурнамои рушди соҳибкории суғурта дар маҷмуъ дар ҷумҳурӣ хушбин буда, нисбат ба дигар намудҳои соҳибкорӣ дар иқтисодиёт он бо суръати тезтар рушд хоҳад ёфт.

Мутаасифона дар автореферат новобаста ба ҷиҳатҳои мусбии зиёд дар самти таҳқиқот, баъзе аз камбудиҳо низ мушоҳида мешаванд:

**1.** Дар автореферати диссертатсия оид ба истифодаи натиҷаҳои дилхоҳ вобаста ба тағйирёбии иқлим аз истифодаи усулҳои инноватсионӣ соҳибкории суғуртавӣ нишон дода нашудааст. Хуб мешуд, агар дар оянда ҳангоми пешбурди корҳои илмӣ ба инобат гирифта мешуд;

**2.** Ба андешаи муаллиф маҳз пазируфта шудаст, ки хавф ҳамчун захираи истеҳсолӣ, ки пешгирӣ намудани зуҳури он, пеш аз ҳама суғуртакуниро тақозо менамояд, ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавиро мусоидат менамояд. Аммо хуб мебуд, сенарияҳои бартараф намудани хатарҳои дар шароити имрӯза маъмулӣ аз хафҳои эҳтимолӣ дар низоми бонкӣ аз ҷониби муаллиф пешниҳод мегардид.

Камбудиҳои дар боло қайд гардида, моҳияти илмиву назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва эътибори онро паст намекунад.
Автореферат ва маводҳои нашршуда ба пуррагӣ таркиби диссертатсиониро дар бар мегиранд.

Дар маҷмӯъ метавон зикр кард, ки автореферати диссертатсияи Шамсуллозода Шукрулло дар мавзуи “Ташаккул ва рушди соҳибкории суғуртавӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: назария, методология, амалия” пурра кори илмии ба анҷом расонидашуда ҳисобида шуда, дар асоси талаботи илмӣ – назариявӣ ва амалӣ анҷом ёфтааст, ва ба талаботҳои КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) сазовор мешуморем.

**Доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент**
**Муовини Вазири маориф**
**ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Хайрзода Ш.Қ.**

*Имзои д.и.и, дотсент, муовини Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Хайрзода Шукрулло Қурбоналӣ - ро тасдиқ менамоям.*

**Сардори раёсати кадрҳо**
**ва корҳои махсуси Вазорати маориф**
**ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Саидзода Ҳ.Х.**

Суроға: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, кӯчаи Нисормуҳаммад 13, а
тел.: 2214605 ; 2217041 www. maorif. tj